**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.

_______________

«___» ___11___ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.05 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ аст: банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ – фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 – Тадбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ (дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 – Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

**Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот.**

Тарбияи шуури илмӣ, ягонагӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷомеаи мо падидаи нав буда, яке аз муҳимтарин вазифаи имрӯзаи илму маориф маҳсуб меёбад ва инкишофу пешбурди он дар заминаи педагогикаи миллӣ айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим касб намудааст. Бо такя ба таълимоти ниёгон ва бахрабардорӣ аз арзишҳо ва муқаддасоти миллию умумибашарӣ комёбиҳои назаррасе дар тарбияи наврасону ҷавонон ба даст омаданд, ки онҳоро дар роҳи садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва масъулияти шаҳрванд ҳидоят менамояд.

Яке аз тадбирҳо ё худ воситаи ташаккули худшиносии миллии наврасон, аз он ҷумла хонандагони муассисаҳои таълимӣ истифодаи педагогикаи халқӣ мебошад, ки он дар таҷрибаи амалии халқи тоҷик санҷида шудааст ва дар руҳу равони ҳар як шахс осоргузор гардидааст.

Зарурияти истифодаи педагогикаи халқӣ дар ин раванд аз он бармеояд, ки таъсири арзишҳои бегона ва тағйирёбии олами маънавӣ – ахлоқии одамон, воридшавии наврасон ба ғояҳои бегона, камарзиш гаштани таҷрибаи тарбиявии халқ ба насли наврас, махсусан айёми пурҳассоси наврасӣ, ки он гузариш ба камолоти нави синнусолиро ташкил менамояд, мушкилотҳои иҷтимоиро барои қонеъ гардондани талаботҳои рузафзуни моддию иҷтимоӣ ба миён овардааст.

Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна маҳз ба таҳқиқи раванди ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди истифодаи педагогикаи халқӣ бахшида шудааст. Вобаста ба фикрҳои фавқузикр, ба сифати мавзуи диссертатсионӣ интихоб намудани мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” аз ҷониби унвонҷӯ Ризоева Нигинамо бамаврид мебошад.

**Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо.**

Махсусан бояд қайд кард, ки таҳқиқи мавзуи мазкур амалишаваии Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»-ро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2022, № 332 тасдиқ гардидааст дар бар гирифта, унвонҷӯ Ризоева Нигинамо дар амалӣ гардидани ҳадафҳои Қонуни мазкур, шаклу усул ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳи тарбияи насли наврас, тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани онҳоро дар робита бо падару модар, муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷомеа таҳқиқ намудааст.

Мавқеи муаллифи диссертатсия дар ҷустуҷӯи роҳу усулҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди истифода аз арзишҳои миллии халқи тоҷик ифода ёфта, масъалаҳои мубрамии ҳувияти миллӣ дар осори файласуфон ва мутахассисони хориҷӣ Л.В.Колесникова, В.П.Комаров, Р.Г.Абдулатипов, А.О.Бороноев, Т.Ю.Бургомистрова, М.С.Джунусов, А.Н.Старина, К.Н.Хабибулин ва ватанӣ М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, К.Б.Қодиров, Б.Раҳимов, А.Нуров, Х.Раҳимзода, С.Сулаймонов, Б.Маҷидова, Н.Юнусова, Д.Латифзода, Ҷ.Файзализода, А.Мирализода ва дигарон ба мероси педагогии ниёгон рӯ оварданд ҳамаҷониба дида баромадааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои** бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажуҳиш така ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажуҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шудааст; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисолаи илмӣ таҷассум меёбад.

Таркиб ва сохтори рисола аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, манбаъ ва ҳадафи пажӯҳиш, фарзия ва марҳилаҳо, асоси назарӣ ва амалию усулу роҳҳои таҳқиқ собит месозанд, ки то кадом андоза мавзӯи таҳқиқшаванда ҳаллу фасл гардидаст. Пойгоҳҳои таҳқиқот, ки диссертант бевосита озмоиш гузарониданд аз он шаҳодат медиҳанд, ки рисола дар заминаи таҷриба ва собиқаи корӣ ба миён омадааст. Ин албатта, дастоварди хуби диссертант аст.

**Падидаи навгонӣ** ва бозёфти илмии рисолаи Ризоева Нигинамо бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии наврасонро дар асоси истифодаи арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ, омӯзиши анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар ҳамгирой бо арзишҳои муосир мавриди истифода қарор додааст. Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ, коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардидааст.

Аз нигоҳи муҳаққиқ вазифаи асосии ҷомеаи инсонӣ интиқоли таҷрибаи иҷтимоии насли калонсол ба насли ҷавон, яъне ташаккули сифатҳоест, ки барои ҳалли масъалаҳои имрӯзаи ҷомеа заруранд. Ҳаллу фасли ин вазифаи муҳими давлатӣ тавассути низоми муассисаҳои таълиму тарбия, хонавода ва муҳити иҷтимоӣ сурат мегиранд. Масъалаи мазкур дар педагогикаи ватанӣ ба таври васеъ матраҳ гардида бошад ҳам, вале то ҳоло дар сатҳи зарурӣ омӯхтанашуда боқӣ мондааст ва таҳқиқоти алоҳидаи илмии педагогиро дар тарбияи насли наврас тақозо менамояд.

Масъалаи коркард нагардидани ташаккули худшиносии миллии наврасон дар шароити муосирро ба асос гирифта, ҷиҳати ҳалли он мавзуи рисолаи илмӣ "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" интихоб гардидаст.

Зимни таҳқиқот **вазифаҳои зерин** иҷро шуданд:

- вазъи феълии ҳамкории педагогии оила ва муассисаҳои таълимӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ омӯхта шуд;

- фаъолияти падару модарон, муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти

дахлдору ҷомеа дар амалинамоии нақшаи чорабиниҳои мактабӣ таҳқиқ карда шуд;

- натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқот тавассути баргузории семинар-машварат ва ҷамъомадҳои умумимактабӣ баррасӣ гардид;

- ҷиҳати минбаъд мақсадноку самарабахш ба роҳ мондани ҳамкории педагогии оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа ба масъулон, роҳбарият, роҳбарони синфҳо пешниҳоду тавсияҳо манзур карда шуд;

- бобати расондани ёрии амалию методӣ ба масъулон, роҳбарият, роҳбарони синфҳо ва омӯзгорон дастуру мақолаҳо таҳия гардиданд, ки пешниҳоди муассисаҳои таълимӣ карда мешавад.

**Навовари илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

- аз нуқтаи назари инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият вазифа, мазмуни шакл ва усулҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон муайян карда шудааст;

- самараи педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон, омӯзгорон, гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа, ки дар раванди таҳқиқот иштирок доранд, исбот шудааст.

- хусусиятҳои минтақавии ташаккул ва зуҳуроти худшиносии миллии наврасон ошкор гардида, дар асоси он роҳҳои бартараф намудани мушкилот дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ муайян карда шуданд.

- Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ, коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардид.

- ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, ташкил ва баргузории идҳое, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии мардум ташаккул ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зоҳир мегардад, таҳқиқ гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки дар рисола консепсияҳои педагогӣ ва иҷтимоии асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии насли наврас ҷамъбаст карда шудааст; моҳияти педагогии ибораи «худшиносии миллӣ», мазмун ва ҷузъҳои сохтории он муайян карда мешавад; аҳамияти педагогикаи халқӣ ҳамчун эҳтиёҷоти ангезандае муайян карда мешавад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии наврасонро таъмин менамояд. Дар асоси назария ва муқаррароту хулосаҳои таҳияшуда «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия ва амалӣ гардид. Барнома имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар машғулиятҳои беруназсинфӣ, инчунин гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба раванди иҷтимоию фарҳангӣ ҷалб карда шаванд, самараи ташаккули

худшиносии миллии насли наврасро таъмин намоянд.

**Хеле бамаврид аст, ки саҳми шахсии довталабро** барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар соҳаи тадқиқот бо таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот, пайвастагии мувофиқи тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ муайян карда мешавад; таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумоти бадастомада; истифодаи маҷмӯи усулҳои марбут ба ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш; таҳияи «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ», ки ба раванди ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути омӯзиши амиқи мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва расму оин, ташкил ва баргузории ҷашнҳои миллӣ ва таҷрибаи шахсии корӣ дар Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кардааст.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конференсияҳоии ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Ризоева Нигинамо дар 5 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маорифи Россия тавсияшаванда шомилбуда, 8 мақола дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд.

**Боби якуми диссертатсия “ Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули худшиносии миллии наврасон ҳамчун проблемаи педагогӣ” номгузорӣ гардида,** мавриди мураттабсозии боби мазкур муаллиф дар қайд менамояд, ки дар асоси дастовардҳои педагогикаи муосири тоҷик ва бо назардошти ақидаҳои педагогии ниёгон “Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия шудааст, ки дар он тарбияи миллии мардум бори аввал ба таври консепсионӣ гузошта шуда, дарк ва ифтихори миллии шаҳрвандон боло гирифта, афкори умум ба амал меояд. Педагогикаи халқӣ аз қадимулайём манбаи рушду такомули фаъолиятнокии адабӣ, тарбияи зеҳну шуур ва хотираи некбинонаи кӯдакону наврасон

гардидаанд, ки дар ҳар хонавонда, кӯдакистону муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишкадаҳои олӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Мавзӯи педагогикаи халқӣ – илм дар бораи таҷрибаи мардум оид ба тарбияи насли наврас, дар бораи тайёрии педагогӣ ба ҳаёт, зиндагӣ, ба зиндагонии оилавӣ, авлоду қабила, халқияту миллат мебошад.

Аз ҷумла, ба андешаи муҳаққиқ Ризоева Нигинамо худшиносии миллӣ –дар се шакл зуҳур мекунад: инфиродӣ, гурӯҳӣ ва миллӣ. Шакли инфиродӣ ба одамоне хос аст, ки барои онҳо манфиатҳои шахсӣ дар ҷойи аввал меистад. Шакли гурӯҳӣ манфиатҳои халкро инъикос менамояд, ки уҳдадориҳои афзалиятноки ҷамъиятии шахсиятро дар бар мегирад. Шакли миллӣ манфиатҳои миллиро инъикос менамояд.

Аз нуқтаи назари В.Ф.Афанасьев, Г.С.Виноградов, Г.Н.Волков, А.Е.Измаилов, А.П.Орлова, Мирахмедова Ф.М., Турсунова Ф.А. мақсаду вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ дар тарбияи педагогикаи халқӣ - ин тарбияи одами ахлоқи ҳамида ва меҳнатдӯст буда, идеали ахлоқии халқ дар худ сифатҳои - меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ, поквиҷдонӣ, ростқавлӣ, эҳтироми одамон, виҷдон, меҳрубонӣ, шаъну шараф, шаъну шарафро таҷассум менамояд.

Муҳаққиқ дуруст қайд намудааст, ки дар ҳалли масъалаҳои ташаккули худшиносии миллии арзишҳои этнофарҳангӣ ва умумибашарӣ ба татбиқи эҷодии мероси педагогии классикии Шарқ дар осори мутафаккирони барҷаста Балъамӣ, Ар Розӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носир Хусрав, Ҳофизу Саъдӣ, Камол Хуҷандӣ ва Абдураҳмон Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ ва дигарон ҷои муҳим дода мешавад, ки ба ғанӣ ва амиқтар шудани ҷанбаҳои нави илми педагогӣ такони хеле қавӣ бахшиданд.

Мавриди баргузории мушоҳида, мавзӯъҳои соатҳои тарбиявӣ, чорабиниҳои муассисавӣ ва бернуазмуассисавӣ ба хулосае омадааст, ки тарбияи ҳисси худшиносии наврасон дар ҷомеа ҳамкории мактабу оила ва аҳли ҷамъиятро бо якдигар дар самти иҷрои вазифаи муҳими давлатӣ оид ба тарбияи насли наврас тақозо дорад. Дар раванди ташкили ҳамкориҳои педагогии оила ва муассисаи таълимӣ талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба асос гирифта шудааст, ки дар он вазифа, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайн мушаххас дарҷ гардидааст.

Дар рисолаи илмӣ шаклҳои ҳамкорӣ омӯзгорон, волидон, мутахассисони соҳаи маориф дар маҳал, фаъолони ҷамъиятӣ таҳлил гардида, оид ба ташаккули худшиносии наврасон баргузории чорабиниҳо пешниҳод гардидааст.

**Боби дуюми диссертатсия ба “Мазмун ва технологияи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ”** бахшида

шудааст. Қайд гардидааст, масъалаи таълиму тарбияи миллӣ аз ҷониби ҷомеа яке аз проблемаҳои муҳиму рӯзмарраи замони муосир ба ҳисоб рафта, паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсиро дар бар мегирад. Дар ин навъи тарбия ҷомеа, муҳити гирду атроф, муносибати рафиқон ва талаботи ҷомеа нақши муҳим доранд. Тарбияи миллӣ, хусусиятҳои хоси худро дошта, ба ташаккули худшиносии наврасону ҷавонон таъсири амиқ мерасонад. Аз ин лиҳоз тарбияи миллӣ дарк ва ифтихори миллии шаҳрвандонро афзун менамояд.

Маҳз дар масъалаи тарбияи худшиносии  наврасону ҷавонон омӯзгоронро месазад, ки аз адабиёти шифоҳиву адабӣ, адабиёти классику муосир фаровон ва бомақсад истифода барад. Вазифаи педагог ва тарбияи педагогии ҳисси худшиносии миллӣ ва ҷой карда тавонистани меҳри Ватан дар дили ҳар як ҷавон, ба назари ин ҷониб, вазифаи муҳим ба шумор рафта, нақши босазо дорад. Зеро маҳз педагог бо роҳҳои гуногуни таълиму тарбия бо истифода аз методика ва методологияи таълим бо малакаву фазилат ва салоҳияти касбии худ шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи худшиносии  наврасон таҳлил мекунад.

Дар асоси амсилаи "Ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ  дар фаъолияти беруназтаълимӣ» корҳои озмоишӣ гузаронида шуд, ки тавассути он таваҷҷуҳи наврасон ба рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва омӯзиши анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ равона гардида, оид  ба мероси таърихию фарҳангии халқ ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дониши мукаммал гирифтанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, оид ба таҳлили назариявии сохтори худшиносии миллӣ имкон дод, ки меъёру нишондиҳандаҳои ташаккули масъалаи таҳқиқшаванда таҳия карда шавад. Аз ин таҳлили нишондихандаҳо бармеояд, ки барои ташаккули принсипхои баланди ахлоқӣ дар байни хонандагон нисбат ба проблемаи миллӣ ва фарҳанги миллӣ дар раванди тарбия  низоми кори максаднок зарур аст.

Яке аз муҳимтарин вазифа дар рафти таҳқиқот иборат аз он аст, ки аз захираи бузурги таълимоти педагогии мутаффакирони форсу тоҷик ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани маводе ҳаст, ки  метавонад барои тарбияи босифати насли наврас мусоидат намояд Натиҷаи ба дастомада дар рафти таҳқиқот гувоҳи аз он медиҳад,  ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ худшиносии миллии наврасон идомаи баргузории корҳои таҷрибавиро тақозо мекунад. Пеш аз ҳама раванди ташаккули худшиносии миллии хонандагон ба ҳалли вазифаҳои гузошта нигаронида шуда буд.

Дар ҷараёни таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯ шаклҳои гуногуни кор бо хонандагон барои татбиқ дар амалияи таълимӣ – сайёҳат, мусобиқаҳо, бозиҳои интеллектуалӣ ва варзишӣ, намоишҳои видеоӣ, ҷорӣ намудани

технологияҳои виртуалӣ баррасӣ ва пешниҳод карда шуданд. Муайян ва мураттаб сохтани тавсияҳои амалӣ ва натиҷагирии донишҳои ҳосилкарда доир ба тарбияи худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар шаклҳои семинарҳои омӯзишӣ, экскурсия, викторинаҳои омӯзишӣ, саволу ҷавобҳо ва ғайра баргузор гардиданд.

Дар фарҷоми рисола хулосаи умумӣ ва тавсияҳо оварда шудааст. Муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасондаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Ризоева Нигинамо дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Таҳқикоти мазкур бо пурра будан ва нуқоти муҳими илмӣ бартарӣ дошта, дар он мафҳумҳои муҳимме, ки ба ҳалли бомуваффақияти ташаккули худшиносии миллии насли наврас равона гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтаанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.**

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар унвонҷӯ дар рисола мавриди таҳлили адабиётҳои равонию педагогӣ ва баргузории озмоишҳои педагогӣ мушкилоти ҷойдоштаро дар ҳамкории муассисаи таълимӣ ва хонавода, ки самти ҳаётан муҳими тарбияи наврасон ба ҳисоб меравад, ба таври васеътар кушода медоданд.

2. Хуб мебуд, ки ҷиҳати таъмини муҳити мусоидаткунанда унвонҷӯ аз технологияҳои муосири педагогӣ васеътар ва босамартар истифода менамуд. Иловатан истифода кардан аз воситаҳои техникии замонавӣ ва усулҳои фаъоли навин дар озмоиши педагогӣ метавонад ба дақиқ ва эътимоднок ба даст овардани натиҷаҳо кӯмак расонад.

3. Дар боби дуюми диссертатсия, зербоби 2.2. мавриди санҷиши озмоишӣ бояд номгуи нишондиҳандаҳо, усулҳои арзёбӣ ва натиҷаҳои ҷадвалу диаграммаҳо боз ҳам васеътар шарҳу эзоҳ дода мешуд. Дар ин маврид натиҷаи кори анҷомдода муфассалтар ва возеҳтар кушода мешавад.

4. Дар баъзе саҳифаҳои матни диссертатсия ва автореферати он, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда ҷо-ҷо хатоҳои имлоию услубӣ ва камбудиҳои ороишӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевнаро дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

Хулоса, диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ - назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ - назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 13 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ - назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 1-уми ноябри соли 2025, №1/9).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ, номзади
илмҳои педагогӣ Арбобова Ф.А.

01.11. 2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А. Самиев ва Ф.А. Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.